**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ» аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод гардидааст.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди илми химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ ва илмҳои ба он алоқаманд гузошта шудааст ин, пеш аз ҳама, ҷустуҷӯ ва такмили номгӯйи маводди полимерӣ, омӯзиши мунтазами онҳо ва робитаю самаранокии натиҷаҳои бадастомада бо истеҳсолот мебошад. Дар ин самт барои ба роҳ мондани коркарди саноати ватанӣ оид ба истеҳсоли маводди полимерӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ чунин вазифаҳоро ҳал намудааст намудааст. Таҳқиқи реаксияи ҳосилшавии пайвастаҳои координатсионии металлҳои оҳан, мис ва руҳ бо кислотаи акрилат, акриламид, ки ҳамчун гидрогелҳои полимерӣ истифода мешаванд; омӯзиши хосиятҳои физикию химиявии гидрогелҳои полимерӣ ва дар амал истифода намудани онҳо ва таҳлилҳои элементӣ, рентгенофазавӣ, спектрҳои СИ, термогравиметрӣ, кондуктометрӣ, потенсиометрии пайвастаҳои координатсионии оҳан, мис, руҳ бо кислотаи акрилат, акриламид, инчунин омӯзиши бузургиҳои термодинамикии ΔH, ΔS, ΔG-и равандҳои комплексҳосилкунии оҳан, мис, руҳ бо кислотаи акрилат ва акриламид тавассути истифодаи усули коэффитсиенти ҳароратӣ ва қонуниятҳои тағйирёбии функсияҳои термодинамикии онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химияи фаромолекулӣ дар факултети химияи Донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо ҳангоми иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва магистрӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмадона автореферати диссертатсия аз норасоигиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Дар автореферати диссертатсия, ки бо забони давлатӣ таълиф шудааст, хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки онҳо танҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд.

2. Механизми обнигоҳдории гидрогелҳо ва обтаъминкунии онҳо бо тоаври возеҳ шарҳ дода мешуд, беҳтар мешуд.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи
ташхиси клиники озмоишгоҳи
ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Махкамзода Б.Х.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев
152, хуҷраи 37
Тел.: (+992) 935377472,
E-mail: mirzoeva_nm@mail.ru

Имзои Б.Х. Махкамзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ "ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино" н.и.т. Сафарзода Б.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч. Сино 29-31,
Тел.: (+992-37) 446 600 3977, 235 34 96
E-mail: info@tajmedun.tj

"02" 07 соли 2026